Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (суроға: ш.Душанбе, 734067, кӯчаи Нахимов 64/14)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ пешниҳод шудааст.**

Дар рақобати босуръати иқтисодиёти ҷаҳони муосир таъмини амнияти озуқаворӣ барои ҳар як кишвар ва манотиқи алоҳидаи он аз зумраи масоили калидӣ маҳсуб меёбад. Дар ин раванд истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили асосӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва рушди рақобатпазирии молу маҳсулоти кишоварзии ватанӣ аҳаммияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, таҳлилу баррасии паҳлӯҳои асосӣ ва мушкилоти рушди итифодаи самаранок ва дарёфти таносубҳои оқилонаи истифодабарии иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақаҳо, махсусан таҳкими фаъолият дар бахшҳои гуногуни комплекси агросаноатии онҳо баҳри ТБО мавзуи ниҳоят муҳим ва ҳалталаб арзёбӣ мегардад.

Дар автореферат зикр шудааст, ки масъалаи истифодаи самараноки иқтидорҳои захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ ва дар асоси он барои иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон ҳамеша аҳамияти аввалиндараҷа дошта, дар чанд даҳсолаи охир ба яке аз мушкилоти муҳим дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст. Қобили қайд аст, ки самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ҳамчун омили асосии рушди минтақа ҳисобида шуда, истифодаи оқилонаи захираҳои замину об дар соҳаи кишоварзӣ ба тағйиротҳои экосистемаи минтақа, коҳиши сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ба рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоӣ таъсири назаррас мерасонад. Аз ин рӯ, таъмини бехатарии озуқаворӣ дар радифи дигар вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва истеҳсолӣ, яке аз самтҳои калидии рушди иқтисодиёти минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад.

Муаллиф таъкид мекунад, ки "иқтидори захиравӣ-табиӣ" маҷмуи захираҳои табиие мебошад, ки барои истифода дар минтақа истифода мешаванд. Ин мафҳум ҳамчунин доираи азхудкунии захираҳои навро бо дарназардошти омилҳои табиию иқлимӣ, хусусиятҳои соҳавӣ ва хусусиятҳои минтақавии рушди минтақа дар бар мегирад. Аз нуқтаи назари таъмини амнияти озуқаворӣ, самаранокии истифодаи ин иқтидорҳо ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ бо маҳсулоти ғизоӣ, инчунин фароҳам овардани дастрасии доимӣ ва кофии ғизо барои дастгирии сатҳи зиндагӣ ва солимии мардум равона карда шудааст.

Дастовардҳои илмии ин диссертатсия ба такмили ҷанбаҳои назариявӣ ва усулҳои иқтисодиёти минтақаҳо равона шудааст ва ин кори илмӣ самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои агросаноатӣ, рушди бозори озуқаворӣ ва дигар масоили марбутро низ

дар бар мегирад. Тавсияҳои пешниҳодшудаи илмӣ-амалӣ метавонанд дар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва минтақавӣ, инчунин дар корхонаҳои саноатие, ки ашёи хоми кишоварзиро коркард мекунанд, татбиқ шаванд. Ғайр аз ин, онҳо метавонанд дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҳам дар минтақаҳои гуногуни кишвар ва ҳам дар дигар идораҳои марбутаи давлатӣ, ба кор бурда шаванд. Хулосаҳо ва пешниҳодот, коркардҳои илмии ҳам аз нигоҳи назария ва ҳам аз ҷиҳати амалия асоснокшуда мебошанд, ки барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар минтақаҳо, беҳтарсозии сатҳи зиндагӣ, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани шуғли пурмаҳсул дар байни аҳолии ҷумҳурӣ аҳаммияти махсус доранд. Бо вуҷуди муваффақиятҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд:

- Аз автореферат ба назар мерасад, ки агар муаллиф дар бахши назариявӣ ба хусусиятҳои минтақавии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ диққати бештар медод ва хусусиятҳоро дар шакли ягон расм тасвир менамуд, арзиши кори илмӣ боз ҳам меафзуд.
- Хуб мешуд, ки агар муаллиф сатҳи худтаъминии озуқаворӣи минтақаи мавриди таҳқиқро бо дигар манотиқи ҷумҳурӣ қиёс ва натиҷагирӣ менамуд.

Камбудиҳои номбурда хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намекунанд ва метавонанд ҳамчун тавсия барои беҳтаршавии сифати рисолаи илмӣ хидмат кунанд.

Умуман, аз автореферат бармеояд, ки рисолаи илмӣ дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалӣ ба талаботи низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллиф - Расулов Ҷ.Қ. шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.4 - Иқтисодиёти ҳудудӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда: номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Сатторзода А.А.**

Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3
Телефон: (+992 37) 2344987, +992918133131
E-mail: s_rasul3131@mail.ru

*Имзои А.А. Сатторзодаро тасдиқ менамоям:*

**Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва назорати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Абдуназаров А.Ҷ.**
Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3
Сомонаи расмӣ: www.tut.tj
E-mail: rectorat-tut@mail.ru
Телефон/: +992(37) 234-79-87, +992(37) 234-79-88

«12» 06 соли 2026